# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исматдинов Алишер Муҳамадович дар мавзӯи "Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат)", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**

Кори диссертатсионии Исматдинов Алишер Муҳамадович таҳти унвони «Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат)», иҷро карда шуда, айни замон хеле актуалӣ мебошад.

Автореферати диссертатсияи Исматдинов А.М. аз муқаддима, тавсифи умумии кор, ду боб, ҳашт зербоб, бахши хулосаҳо, натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, номгӯи адабиёт бо зербахшҳои феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ва замимаро дар бар мегирад.

Дар боби аввали рисола аз ҷониби диссертант пайдоиши ҷомеаи инсонӣ ва таъсири он ба муҳити зист ва доир ба фарҳанги экологӣ баррасӣ карда шудааст.

Фарҳанги экологӣ муваффақиятҳои донишҳои экологиро дар бар мегирад, технологияе, ки аз нуқтаи назари экологӣ ва тамоми системаи ҳаёти инсон матлуб аст, ба ҳифзи сарватҳои табиӣ, ки барои рушди пешрафтаи ҷомеа заруранд, нигаронида шудааст.

Таҳлили кори диссертатсионии Исматдинов А.М. нишон дод, ки фарҳанги экологии омӯзгорро метавон ҳамчун як ҷузъи фарҳанги омӯзгории умумӣ ва касбии ӯ баррасӣ кардан мункин аст.

Таҳқиқоти анҷомдодаи рисолаи илмӣ имкон медиҳад, ки фарҳанги экологии омӯзгори фанни технологияро муайян намоем - ин сифати ҷудонашавандаи касбии омӯзгор, аз ҷумла сатҳи ташаккули ҷаҳонбинӣ, шуур ва тафаккури экологӣ ва фарогирии қисмҳои экологӣ-аксиологӣ, экологӣ-фаъолият ва экологӣ-педагогии ӯ мебошад.

Дар натиҷаи ин таҳлил муайян карда шуд, ки дар сохтори фарҳанги экологии омӯзгори технология (таълими меҳнат) меъёрҳои

экологӣ-аксиологӣ, экологӣ-фаъолиятӣ, экологию педагогии ташаккули ин фарҳангро муайян карда шаванд.

Дар чаҳорчӯбаи мазкур тафсири фарҳанги экологӣ дар нақши фарҳанги ҷомеа, инчунин принсипҳои бунёдии шахсият оварда шудааст. Дар нақши фарҳанги ҷомеа падидае, ки моҳияти иҷтимоӣ дорад, ҳамчун фарҳанги фард сифати интегративии он буда, ҳудуди амал ва рафтори ӯро дар ҷамъият ва биосфера инъикос мекунад.

Дар асоси таҳлили осори иҷтимоӣ-фалсафӣ ва педагогӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки моҳияти иҷтимоӣ ва инфиродии фарҳанги экологӣ хислати шахс буда, хусусиятҳои муносибати ӯро бо муҳити иҷтимоӣ ва табиӣ инъикос менамояд; дар арзишҳое зоҳир мешавад, ки ӯро ба фаъолияти экологӣ ҳавасманд мекунанд; дар ҳамаи шаклҳои он таълим, табдил додан ва нигоҳдории муҳити иҷтимоию табиӣ ва солимии инсон амалӣ мешаванд.

Дар сохтори шахсиятии инсон фарҳанги экологӣ ҳамчун унсури ҷаҳонбинӣ аз тафаккури он, маҷмӯи донишҳои ӯ, арзишҳои тарбияшуда, ҳадафҳо, эҳсосот, меъёрҳо ва муқаррароти табиати экологӣ дошта, инчунин аз тартиби ташаккулёфта дар татбиқи фаъолияти экологӣ, тарбияи рафтори экологӣ дар муҳити табиӣ иборат аст.

Ин имкон медиҳад, ки қисмҳои зерини сохтори фарҳанги экологии шахсият: маърифатӣ, меъёрӣ-арзишӣ, ахлоқӣ-ҳуқуқӣ, эҳсосӣ-иродавӣ, фаъолиятӣ  муайян карда шаванд. Ин қисмҳо соҳаҳои асосии шахсиятро фаро мегиранд.

Дар боби дуюми рисола оиди маълумот ба “Шартҳои дидактикии баланд бардоштани самарабахшии ташаккули фарҳанги экологӣ дар омӯзгорониояндаи технология” оварда шудааст.

Диссертант қайд менамояд, ки донишҷӯёни курси 3 ҷорӣ кардани фанни интихобии «Асосҳои ташаккули фарҳанги экологӣ» ба мақсад мувофиқ аст. Ин курс ташаккули донишу маҳоратҳои экологию педагогии омӯзгорониояндаи технологияро тақвият медиҳад. Мундариҷаи ин курсро бояд нуктаҳои экологию фарҳангшиносӣ, фалсафию таърихӣ, умумиилмӣ ва экологию педагогӣ ташкил кунанд.

Вазифаҳои гуногунсатҳии ташхисӣ ва инкишофдиҳанда бо бозиҳои кории дидактикӣ, Интернет-захираҳо, рефератҳою маърӯзаҳои мӯҳтавояшон экологӣ воситаҳои самарабахши

мурофиқати дидактикии раванди ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат) ба шумор мераванд.

Лоиҳаҳои эҷодии самтияташон экологӣ, ки метавонанд назариявӣ, истеҳсолӣ, ҳифзи табиат, ландшафтӣ, солимгардонӣ, методӣ ва касбинтихобӣ бошанд, ба сатҳи ташаккули фарҳанги экологии донишҷӯён таъсири назаррас мерасонанд. Дар раванди иҷрои лоиҳаҳои эҷодӣ ташаккули маҷмӯии донишу арзиш ва маҳорати экологӣ ва тарзҳои фаъолияти ҳифзи табиат ва рафтори мутобиқ ба экология дар муҳити иҷтимоию табиӣ, ҳамчунин маҳорату малакаҳои фаъолияти экологию педагогӣ таъмин карда мешаванд.

Воситаҳои дидактикӣ ва лоиҳаҳои эҷодии самтияташон экологӣ бояд ба ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология ва инкишофи онҳо чун субъектҳои фаъолияти ояндаи экологию педагогӣ равона шуда бошанд.

Ҳамин тариқ, маълум мегардад, ки мақсади таҳқиқот комёб гардида, вазифаҳо иҷро ва фарзияҳои таҳқиқот тасдиқ шудаанд.

Навоварии илмии таҳқиқотӣ аз ҷониби Исматдинов А.М. анҷомдодашуда чунин аст:

Исматдинов Алишер Муҳамадович намунаи раванди ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи фанни технологияро таҳия намуда, мӯҳтавои фанни интихобии «Асосҳои ташаккули фарҳанги экологӣ»-ро бо мақсади дар макотиби олии кишвар ҷорӣ кардан, аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардааст.

Дар асоси стандартҳо ва талаботҳои Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон автореферати мазкур таълиф шуда, таҳқиқоте, ки аз тарафи диссертант рӯи кор омадааст, аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ зарурӣ арзёбӣ гардида, бахри рушд ва нумӯи илми педагогикаи муосир саҳми босазое хоҳад гузошт.

Бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Исматдинов А.М. таҳти унвони “Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат)” таҳқиқоти анҷомрасонида ба ҳисоб рафта, ҷавобгӯ ба талаботҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва

методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) арзанда ҳисобида мешавад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русии
МДТ "Донишкадаи иқтисод ва савдои
Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд" Манонова Р.А.

Имзои номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент Манонова М.А.-ро ***тасдиқ менамоям:***
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ "Донишкадаи иқтисод ва савдои
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
дар шаҳри Хуҷанд" Маҳмудов Ш.У.

**Маълумот барои тамос:** Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ 169.
тел: +992 (3422) 6-03-21, E-mail: info@iet.tj